# ХУЛОСАИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-023 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба кори диссертатсионии **Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна** дар мавзуи “Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарй (тахсилоти миёнаи умумй)) пешниҳод шудааст

**Парвандаи аттестатсионии №____**
**Қарори Шурои диссертатионӣ аз 20.12.2024, №20**

дар бораи сазовор донистани Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна дар мавзуи “Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))

Диссертатсияи **Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна дар мавзуи “Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-023 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, ,№19ш/д) аз 03 сентябри соли 2024, суратмаҷлиси №17 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна 23.01.1982 таваллуд шуда, соли 2005 факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси “шарқшинос-филолог” (диплом ДТО №0052505) хатм намудааст.

Мавсуф солҳои 2007-2010 дар МТМУ №96-и шаҳри Душанбе фаъолият карда, аз соли 2012 то инҷониб ба ҳайси мудири шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии ПРМ ба номи А.Ҷомии шаҳри Душанбе кор мекунад.

Диссертатсияи Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна дар шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи мазкур 26 июни соли 2024, суратҷаласаи №06 муҳокима ва тасдиқ гардида, барои ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, вобаста ба мавзуи диссертатсия 14 мақолаву дастурҳои таълимӣ-методӣ, аз ҷумла 10 мақолаи илмии дар нашрияҳои бонуфузи тақризшавандаи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2

мақола дар маҷмуаи маводи конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва 2 дастури таълимӣ-методӣ ба табъ расидаанд.

**Роҳбари илмӣ: Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода** – доктори илмҳои филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

**Муқарризони расмӣ**:

**Хоҷаев Курбон** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Зоиров Сиротулло Абдулмаҷидович** - номзади илми педагогика, муовини директор оид ба корҳои тарбиявии МДТ Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе, ба диссертатсия тақризҳои мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров** дар тақризи мусбати худ, аз 20 ноябри соли 2024, суратҷаласаи №04, ки онро раиси ҷаласа, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба нами академик Бобоҷон Ғафуров" **Тиллохоҷаева М.Н.,** эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" **Аҳмадов М.** ва котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики МДТ Донишгоҳи мазкур **Бобоева И.** имзо карда, ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои таърих, профессор **Усмонзода А.И.** тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, қайд намудааст, ки мавзуи аз рӯйи таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна бе шак мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои замонавӣ – асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ифода меёбад.

Диссертатсия кори таҳқиқотии пурра ва мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб рафта, арзиши илмию амалии он муътамад аст. Мазмун ва муҳтавои автореферат ва мақолаҳои дар нашрияҳои илмии такризшаванда нашрнамуда муаллиф ба мавзуи таҳқиқоти илмӣ ва мақсаду вазифаҳои дар пешгузоштаи таҳқиқот мувофиқат мекунанд.

Диссертатсияи Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна дар мавзуи «Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогӣ аз руии ихтисоси 13.00.02 Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) пешниҳод шудааст, кори баитмомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021.№ 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Муаллифи диссертатсия сазовори дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз руйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

**Довталаби дараҷаи илмӣ** оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М] Султонмамадова М.А. Методикаи таълими рӯзгор ва осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар синфи 5 [Матн] / М.А. Султонмамадова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2017, № 3/4. – С. 297-301.

[2-М] Султонмамадова М.А. Методикаи таълими босалоҳияти қасидаи «Шикоят аз пирӣ”-и устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ [Матн] / М.А. Султонмамадова // Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020, №2(2). – С. 217-222.

[3-М] Султонмамадова М.А. Методикаи таълими босалоҳияти як ғазали Камоли Хуҷандӣ дар курси таърихи адабиёт [Матн] / М.А. Султонмамадова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2021, №1(38). – С. 103-108

[4-М] Исрофилниё Ш.Р., Султонмамадова М.А. Методикаи таълим ва шеваи шарҳу тафсири каломи манзум дар муассисаҳои таълимӣ [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё, М. Султонмамадова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2016 .- №-4/3, (203). – С. 146-150.

[5-М] Султонмамадова М.А., Гулова, Н. Салоҳияти педагогӣ омили самаранокии раванди таълиму тарбия [Матн] .- М.А. Султонмамадова, Н. Гулова / Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, 2019.- №1, (25). – С.68-73.

Ба шурои диссертатсионӣ **6 тақриз** ба автореферати диссертатсия ворид шудааст:

1. **Аминов Сайидамир** - номзади илмҳои педагогӣ, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, мудири шуъбаи забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи нашриявии “Маориф”-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муқарриз чунин эрод гирифтааст:

а) Мо дар ин масъала ҷонибдори ин андеша ҳастем, ки МБТ ва низоми анъанавии таълим ба ҳеҷ ваҷҳ яке дигареро ба куллӣ инкор намекунанд, балки истифодаи дуруст ва самараноки онҳо натиҷаи дилхоҳ ба бор меорад” (саҳ.13). Дар ҳақиқат, таълими ин ё он фан ва мавзуъҳоро танҳо тавассути як роҳу усул ба роҳ мондан самараи матлуб ба бор намеорад. Ҳар як мавзую фасл роҳу усул ва шеваҳои гуногунро тақозо менамояд... Чунин андешаҳои муаллиф дар автореферат ҷо-ҷо зикр шудаанд.

б) Масалан, усули интерактивӣ (саҳ.11), проблемагузорӣ, усулҳои репродуктивӣ, таҳқиқотӣ-ҷустуҷӯӣ, муқоиса, методи муқоиса (саҳ.14),

2. **Ҳасанов Фарҳод** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, декани факултети филология ва рузноманигории Донишгоҳи давлатии Данғара. Тақриз эрод надорад.

**3.Алиев Асрор** - номзади илмҳои педагогӣ, сармутахассис оид ба таҳсилоти лоиҳаи “Муҳити таълим – асоси таҳсилти босифат”, дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муқарриз чунин эрод гирифтааст: а) Муҳаққиқ дар рисола ба масъалаи татбиқи методҳои интерактивӣ бештар такя кардааст, аммо ба таснифоти дигари методҳои таълим ва моделҳои татбиқи муносибати босалоҳият каме ҳам бошад, таҳлил ва натиҷагирӣ менамуд, рисола боз ҳам мукаммалтар мегардид. б) Дар автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ ба мушоҳида расиданд (с.21 - “мутуни - матни”, с. 21 - “Саволнома - “Саволнома”, 22- Медодист Қ. Мухторӣ - Медотист Қ. Мухторӣ ва ғайра).

4. **Шаробова М. Қ.** - номзади илмҳои филологии кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара. Тақриз эрод надорад.

5. **Рустамзода Мукаддас Рустам** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав. Тақриз эрод надорад.

6. **Қосимӣ Саъдӣ Абдуқодир** - доктори илми филология, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт. Тақриз эрод надорад.

Муқарризони ба автореферат такриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна сазовори дараҷаи илмии номзади илми педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** дар асоси Қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-023, аз 14 сентябри соли 2024, №15 тибқи банди 61 Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

– аз нуқтаи назари танқидӣ анъанаҳои мавҷудаи низоми таълим ва таҷрибаи ҷаҳонии таҳсилот **таҳлил ва баҳо дода шуда,** истифода бурдан аз шаклу усулҳои муфиди он ҳангоми ҷорӣ намудани асосҳои илмӣ-методии таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **омӯхта шудааст;**

–раванди сифати таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **ошкор ва муайян карда шудааст;**

– самтҳои асосҳои илмӣ-методии таълими адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **ошкор карда шудаанд;**

– асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври васеъ **татбиқ карда шудааст;**

– тамоюлҳои рушди асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **муқаррар карда шудаанд;**

– марҳилаҳои ташаккули моҳият ва мазмуни низоми асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **муайян карда шуда,** ҷанбаҳои педагогию психологии раванди таълим **ба инобат гирифта шудааст;**

– асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил карда шуда, самаранокии он **натиҷагирӣ ва муқоиса карда шудааст;**

– асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият **таҳия шуда,** рушди тафаккур ва зеҳни хонандагон дар раванди омӯзиши адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **амалӣ карда шудааст;**

– натиҷаҳои таҳқиқот оид ба асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба тариқи озмоишӣ **мавриди санҷиш қарор дода шудааст;**

– амсилаи (барномаи) намунавии таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси маълумотҳои бадастомада **коркард ва пешниҳод шудааст.**

**Аҳаммияти натиҷаҳои таҳқиқот барои назария** бо он асоснок карда шудааст, ки:

- таҳқиқотҳои олимон оид ба асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳаматарафа **мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд;**

- проблема ва асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **муайян ва коркард карда шудаанд;**

- самаранокии моделҳои пешниҳодшуда оид ба асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **аз тариқи баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит карда шудаанд;**

- вазъи коркарди методии масоили вобаста ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **муайян карда шудаанд;**

- дар асоси хулоса ва муқаррароти назариявӣ, ки дар мазмуни диссертатсия инъикос ёфтаанд, барои омӯзгорон тавсияҳои методӣ оид ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **коркард ва пешниҳод шудаанд;**

- маҷмуи махсуси вазъиятҳои проблемавӣ кор карда шудаанд, ки омӯзгорон **метавонанд** дар ҷараёни таълим вобаста ба амалӣ намудани асосҳои илмӣ-методии таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **истифода баранд;**

- маводи таҳқиқоти диссертатсиониро **метавон** дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **истифода намуд;**

- тавсияҳои илмӣ-методии коркард ва пешниҳодшуда метавонанд тасаввуроти унвонҷӯён ва аспирантонро оид ба масъалаи мазкур **ғанӣ гардонанд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд **ҳангоми коркарди** ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дарсҳо ва сифати дониши хонандагон **истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони** соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълим **қарор гиранд.**

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

-роҳу усулҳои асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мутобиқ ба талаботи таҳсилоти муосир **коркард карда шудаанд;**

–интихоби афзалиятҳои махсус ҳангоми татбиқи асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши

каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷараёни таълим **ошкор карда шудааст;**

- барномаи мукаммал бо назардошти хусусияти махсуси таълими адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **омода гардидааст;**

– мазмуни асосӣ ва хусусиятҳои махсуси ташкили корҳои гуногуни муасири таълимӣ ҳамчун яке аз воситаҳои самараноки асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар шароити татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф **муайян карда шудаанд;**

– шаклу воситаҳои рағбат пайдо намудани хонадагон дар ҷараёни таълими адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо назардошти хусусиятҳои психологӣ, синнусолӣ ва қобилияту шавқу завқи хонандагон **аниқ карда шудаанд;**

– роҳҳо ва методҳои таъсирбахши таълим, ки ба омилҳои асосӣ ва қонуниятҳои технологияҳои фаъолияти таълимии ба асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нигаронида шудаанд, **истифода бурда шудаанд;**

– асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва аҳаммияти он дар ташаккули зеҳни хонандагон шарҳу тафсир карда шуда, дар ҷараёни кори таҳқиқотӣ мафҳуми методикаи таълими ҳамчун як қисми таркибии дидактика ҷиҳати рушди инкишофи зеҳнии хонандагон **асоснок карда шудааст;**

- дар асоси натиҷаҳои амалии таҳқиқот тавсияҳои методӣ **таҳия ва иҷро шудаанд, ки** имконият медиҳанд, бо истифода аз онҳо неръуи зеҳнии ташаккул дода шаванд;

- **тавсияҳои методӣ метавонанд** амалан дар раванди омодасозии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ, дар курсҳои такмили ихтисос ҷиҳати такмили маҳорати касбии омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва таҳияи диссертатсияву корҳои дигари илмӣ васеъ **истифода шаванд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо **бо асосҳои зерин нишон доданд:**

– муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, инкишофи неръуи зеҳнии хонандагонро дар ҷараёни ҷорӣ намудани ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии хонандагон **таъмин менамоянд;**

– натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ бо тариқи аниқсозӣ, таҳлил ва ҷамъбасти маҷмӯи методҳо, ки аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо пурра кардани методикаҳои гуногун дар такя бо таҷрибаи ҳосилшуда дар фаъолияти таълимии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ ҳангоми гузаронидани пурсишнома, пурсишҳои даҳонӣ бармеоянд, **ба даст омадаанд;**

– корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ба натиҷаҳои санҷиш ва муқоисакунии маълумоти бадастомада оид ба асосҳои методии татбиқи муносибати

босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи то озмоиш ва баъди озмоиш **асос ёфтанд;**

**-** хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тибқи муқаррароти аввалияи назариявӣ **пешниҳод шудаанд;**

- ба таври кофӣ **далелнок карда шудани** муқаррароти назариявии таҳқиқот дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмии педагогию психологӣ ва кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот;

- **натиҷаву дастовардҳои таҳқиқот** бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотию методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, **таъмин карда шудаанд;**

- **таҷрибаи пешқадами** омӯзгорон омӯхта шуда, дар ҷараёни корҳои таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-озмоишӣ **мавриди истифода қарор дода шудаанд;**

- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ. **Баррасӣ гардиданд;**

- **муҳтавои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот** дар мақолаҳои илмии муаллиф **инъикос гардиданд;**

**Саҳми шахсии унвонҷӯ аз инҳо иборат аст:**

- **дар иштироки бевоситаи** муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; **дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; **дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти** назариявӣ ва озмоишӣ, **таҳлили микдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада; **дар истифодаи маҷмӯи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; **дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа аз 20 декабри соли 2024, №20 қарор қабул кард, ки ба **Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна** дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 14 нафар, аз онҳо 5 нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд: тарафдори додани дараҷаи илмӣ - 14 нафар, муқобили додани дараҷаи илмӣ - нест,
бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Мухаметов Г.Б.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Рузиева Л.Т.**

20 декабри соли 2024